**СУРАТҶАЛАСАИ № 39**
**аз ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**

аз 30-юми декабри соли 2024 ш.Хуҷанд

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзоёни Шурои диссертатсионӣ
10 нафар (аз ҷумла 2 нафар д.и.п. ба тариқи онлайнӣ).

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
1. Сабурӣ Хайрулло
2. Хоҷаева Мубина
3. Ҳамробоев Насимҷон
4. Абдуллоева Меҳриниссо
5. Азизов Абдулатиф
6. Бобоева Сайёра
7. Исломов Озод
8. Мухаметов Гапур
9. Файзализода Баҳрулло
10. Шаропов Шавкатҷон

**Раиси Шуро:** д.и.п., профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода:

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 26-уми апрели соли 2024, таҳти № 144/ш.д. тасдиқ гардидааст, 10 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 2 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 10 нафар ҳозирбудагон 6 нафар доктори илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошанд.

Дар асоси қайди варақаи ҳузур кворум ҳаст.

**РӮЗНОМА:**

1. Баррасии хулосаи комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионӣ дар хусуси ба баррасӣ қабул намудан ва иҷозат додан ба ҳимояи диссертатсияи **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** дар мавзуи **“Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ва муайян кардани санаи баргузории ҳимояи диссертатсия, муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.

Дар бораи оғоз намудани ҷаласа чӣ гуна фикрҳо ҳаст? Таклиф шуд, ки чун кворум ҳаст, ҷаласа оғоз карда шавад. Ҳар касе тарафдори оғоз намудани маҷлис бошад, хоҳиш мекунам, раъйи худро маълум намояд.

Тарафдор? – “Ҳама”; Зид? - “Нест”; Бетараф – “Нест”.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи якуми рӯзнома раиси Шурои диссертатсионӣ профессор Сабурӣ Хайрулло Мирзозода баромад намуда, барои шинос наму-дани аъзои Шуро бо хулосаи комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ суханро ба Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов Абдулатиф вогузор намуд.

**БАРОМАД КАРД:**

Раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Азизов А.А. баромад намуда, баён дошт, ки ҳайати комиссияи ташхисии диссертатсияи **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** дар мавзуи **“Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)-ро мавриди омӯзиш қарор дода, пешниҳод менамояд, ки таҳқиқоти мазкур ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷум-ҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру ило-ваҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, комиссияи тахшхиси назди Шуро онро дар асоси талаботи бандҳои 53-60-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ташхис, таҳлил ва баррасӣ намуда, онро бо пешниҳоди хулосаи мусбат барои қабул ба ҳимоя тавсия менамояд.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи ташхисиро шу-нида, чунин қарор қабул намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич** дар мавзуи **“Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба-рои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул карда шавад.

2. Муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию тадқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**Муқарризи расмии аввал – Латифзода Диловар Назришох**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва

гуманитарии Муассисаи давлатии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.

**Муқарризи расмии дуюм – Рустамов Дадо Абдуҷаборович**, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих, маданият ва методикаи таълими мусиқии ба номи профессор Ҳакимов Н.Ғ.

**Муассисаи пешбар** – МДТ "Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода".

3. Рӯйхати аъзои Шуро, ки рамзи ихтисосашон бо рамзи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мувофиқ аст, тасдиқ карда шавад:

- **Сабурӣ Х.М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Абдуллоева М.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Азизов А.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Шаропов Ш.А.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Хоҷаева М.Ҷ.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор;
- **Бобоева С.Б.** - доктори илмҳои психология, дотсент;

4. Санаи ҳимояи диссертатсия 15-уми марти соли 2025, соати 9 $^{00}$ таъйин карда шавад.

5. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Қарор қабул карда шуд: тарафдор** – 10 нафар, **зид** – нест, **бетараф** - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Сабурӣ Х.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, дотсент — Ҳамробоев Н.А.